«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих,
профессор __________ Ибодуллозода А.И.
«___» __________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи **«Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- забоншиносӣ (6D021302) – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Мирзоев Эраҷ Музаффарович соли 2012 факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» мебошад.

Соли 2014 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси «филологияи забони англисӣ» ба итмом расонида, соҳиби дипломи дараҷаи магистр гардидааст.

Мавсуф ба ҳайси докторант 4-уми октябри соли 2019 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат яке аз қабатҳои луғавии забонҳои муқоисашаванда ба шумор рафта, таҳқиқу баррасии умумият ва монандии вижагиҳои сохторӣ ва маъноии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳанӯз ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст ва диссертатсияи мавриди назар қадами аввалин дар ин самт мебошад. Гузашта аз ин, чун талабот нисбат ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ зиёд гардида истодааст, маводи зимни таҳқиқ ба даст овардашавандаро метавон чи дар машғулиятҳои амалии забономӯзӣ ва чи фанҳои алоҳида, аз ҷумла грамматикаи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври васеъ истифода бурд, ки он аз мубрамии таҳқиқи мавзуи мазкур низ гувоҳӣ медиҳад.

Асосҳои назарии таҳқиқотро осори илмии забоншиносони маъруфи соҳаи фразеология ва синтаксис, аз қабили Н. Маъсумӣ [1959], Х. Ҷалилов [1969], Т.О. Максудов, Ф. Зикриёев, Х. Ҷалилов [1976], Ҳ. Маҷидов [1982; 2006; 2007], Б. Камолиддинов [1973; 1989; 2005; 2009; 2012], Л. С. Пейсиков [1975], Ю. А. Рубинчик [1981], М. Азимова [1980; 2006], С. Хушенова [1982], Д. Маҷидова [2018], М. Мирзоева [2018], Г. Аслонова [2022] ва дигарон ташкил медиҳад

Навгонии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар он бори нахуст хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми “ҳаракат” ва воситаҳои грамматикии алоқаи байни таркибҳои воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат

бо истифода аз маводи осори бадеии забонҳои мавриди назар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- забоншиносӣ (6D021302) – муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 6 мақола рӯйи чоп омадаанд, ки аз он миқдор 3-тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М.] Мирзоев Э.М. Назаре ба омӯзиши воҳидҳои фразеологии феълии ифодкунанда «ҳаракат» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Э.М. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе. – 2020. – №3. қ.1. – С. 93-97.

[2-М.] Мирзоев Э.М Семантические особенности фразеологических единиц, обозначающих движение в таджикском и англиском языках / Э. М. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, – 2020. –№4. қ.1. – С. 30-32.

[3-М.] Мирзоев Э.М Феълҳои таркибӣ ҳамчун як ҷузъи фразеологизмҳои феълӣ / Э. М.Мирзоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе. – 2023. – №5. қ.1. – С. 81-85.

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[4-М.] Мирзоев Э.М. Шарҳу тавсифи як гурӯҳи семантикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи мафҳуми ҳаракат дар забони тоҷикӣ / Э. М. Мирзоев /.- Душанбе, 2022, Б.1 – С. 65-67.

[5-М.] Мирзоев Э. М., Ҷоматов С.С. Хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забони англисӣ / Э.М.Мирзоев, С.С.Ҷоматов // Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва проблемаҳои забоншиносии муосир: мав. конфер. илмӣ-амал. ҷумхур. – Душанбе. – 2023. – С. 268-270

[6-М.] Мирзоев Э.М., Ҷоматов С.С. Таснифоти маънои воҳидҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ англисӣ / Э.М.Мирзоев, С.С.Ҷоматов // Идеяҳои рушди равобит дар шароити дузабона ва муносибатҳои байналмилалӣ», бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ»: мав. конфер. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе. – 2024. – С.111-115

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи **«Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- забоншиносӣ (6D021302) – муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи **«Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300- забоншиносӣ (6D021302) – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя тавсия мегардад.

3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Мирзоев Эраҷ Музаффаровичро кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод менамояд.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 23-юми феврали соли 2024 суратҷаласаи №7/4.2 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи забони
англисӣ ҳамчун забони дуюми Донишгоҳи
давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба
номи Садриддин Айнӣ,
н.и.ф., дотсент Ҷӯраев Хайём Акрамович

Котиби ҷаласа Мамадкаримова Офтобхон Ҳакимҷоновна

“Имзоҳои Х.А. Ҷӯраев ва О.Ҳ. Мамадкаримоваро тасдиқ мекунам”.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

23.02.2024 с.